**Корномахои азими Пешвои миллат, наслхоро мактаби бузурги ибрат!**

*“Агар амалҳои шумо одамони дигарро ба орзуҳои бузург, аз бар кардани дониши бештар, зиёд кор кардану беҳтар шудан ҳидоят намоянд, пас Шумо пешво ҳастед.”* (Ҷон Адамс, 2-юмин Президенти ИМА)

*“Суол надиҳед, ки Ватан бароятон чӣ корҳо карда метавонад, аз худ пурсед, ки Шумо барои Ватан чӣ корҳо карда метавонед.”* (Ҷон Фитсҷералд Кеннеди, 35-умин Президенти ИМА)

Барҳақ ин гуфтаҳои сиёсатмадорони бузурги дунё бечуну чаро ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рост меоянд, ки дар давраҳои беҳад мушкил ва таҳдиди ба нестӣ рафтани миллати тоҷик, бо раҳму амри Офаридгору тақдир роҳбарии давлати навбунёди Тоҷикистони соҳибистиқлолро 16 ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар дӯш гирифтанд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун ҷавони ватандӯсту боғайрату қавиирода, бо як ҷасорату мардонагии ғайримуқаррарӣ ин кори вазнину он вақт хатарнокро ба ӯҳда гирифта, ҳамзамон ваъда доданд, ки ба Ватани ҷангзадамон сӯлҳ меоранд ва тамоми гурезаҳоро ба маконашон бармегардонанд. Қариб миллион гурезаҳо баргаштанд, даҳҳо ҳазор хонаҳои сӯхта, барқарор гардиданд. Гарчанде вазифаи роҳбарии ҷумҳуриро ба бисёриҳо пешниҳод карданд, аммо онҳо аз тарсу ҳарос инро ба ӯҳда нагирифтанд. Пешвои миллат ба хотири сулҳу субот, тинҷию оромии мардум ва ҳифзи якпорчагии Тоҷикистони азиз, барои гуфтушунид бо мухолифин ба кадом минтақаҳои хавфноку хатарнок барои ҳаёти худ нарафтанд, ки ин танҳо ба ин марди далеру ҷасуру нотарс ва ватандӯст хос аст. Ҳозир дар замони тинҷӣ, сулҳу суботу шукуфоӣ вазифаталабон зиёданд. Онҳо як бор бояд аз худ бипурсанд, ки чӣ хизмат ба мардум кардаанд. Ҳамин тариқ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути хизматҳои фидокоронаю

ҷоннисориҳои зиёд бахри наҷоти миллату давлати тоҷикон камари ҳиммат баста, ваъдаҳояшонро босарбаландона иҷро карда, барои таҳкими ҳокимият ва давлат шароит муҳайё, Ватанро аз тақсимшавӣ, ки гурӯҳҳои бадтинати дохилӣ ва аҷнабиён мехостанд, наҷот бахшида, низоми давлатдории муосирро барқарор намуданд.

Яке аз аввалин икдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи кишоварзӣ, он аст, ки бахри таъмини мардум бо маҳсулоти кишоварзӣ, зиёда аз 75 ҳаз. га заминро ба деҳқонон тақсим карданд, ки онҳо бо номи «заминҳои президентӣ» машҳуранд. Қариб ҳар як оилаи деҳот дар заминҳои худ кишти ғалладона, картошка ва дигар зироатҳои кишоварзиро ба роҳ монда, хӯроки чорвояшонро низ ҷамъ меоваранд. Дар ҳамаи фасли сол дар гармхонаҳо истеҳсоли помидор, бодиринг, пиёз ва ғайраро анҷом дода, талаботи оилаашон ва бозори истеъмолиро қонеъ мегардонанд.

Пешвои миллат дар назди ҳукумати ҷумҳурӣ, се вазифаи муҳими стратегӣ: амнияти озуқаворӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва истиқлолияти энергетикиро вогузор карданд. Бо дастгирию ҳидоятҳои Пешвои миллат ин ҳадафҳои стратегӣ ба пуррагӣ иҷро гардида, ҳадафи чорум-саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллиро мавриди амал қарор дода истодаанд. Амнияти озуқавориро таъмин карда, ба дастрасии аҳолӣ ба ғизои солиму босифат роҳ кушоданд. Тоҷикистони азизро аз бунбасти коммуникатсионӣ бароварда, ба кишвари транзитӣ, истиқлолияти энергетикиро ба роҳ монда, Ватани маҳбубамонро ба содироткунандаи нерӯи барқ табдил дода истодаанд.

Ҳадафи саноатикунонии босуръати мамлакат ҳамчун омили таъминкунандаи амнияти миллӣ аҳамияти хеле калон дошта, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ғанигардонии бозори истеъмолӣ, пастравии нарху наво, истифодаи самароноки қувваи корӣ ва ҳал намудани як қатор масоили иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Тибқи гуфтаҳои Пешвои миллат саноатикунонии босуръати мамлакат дар кӯтоҳтарин муддат Ватани

азизамонро аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ мубаддал мегардонад.

Бо роҳбарию ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат ба хотири фароҳамсозии шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ, техникаву технологияи нав, ташкили ҷойҳои нави корӣ, пурзур намудани иқтидори содиротии кишвар ва дар маҷмӯъ баланд бардоштани некуаҳволии мардум, солҳои 2008 -2009 минтақаҳои озоди иқтисодии "Панҷ", "Суғд", "Данғара", "Ишкошим" ва соли ҷорӣ минтақаи озоди иқтисодии "Кӯлоб" ташкил карда шуданд. Дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба маблағи 145 млн. сомонӣ ё 0,7%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, аз рӯзи ташкилшавиашон то ҳозир онҳо ба маблағи зиёда аз 650 млн.сомонӣ молу маҳсулот тавлид, зиёда аз ҳазор нафарро ба ҷои кори доимӣ таъмин кардаанд.

Бо саҳму талоши Пешвои миллат НБО "Сангтуда-1" ва "Сангтуда-2" сохта ба истифода дода шуданд. Пешвои миллат бо далерию фидокорӣ ва ҷоннисориҳои ватандӯстонаи хеш сохтмони неругоҳи азим ва дар ҷаҳон беназири барқии "Роғун"-ро, ки монанди як афсона буд, ба ҳақиқат табдил доданд. Ду чархаи НБО "Роғун" ба кор андохта шуд, ки аллакай беш аз 700 млн. квт.соат нерӯи барқ истеҳсол кард.

Пешвои миллат рушди иқтисодиёти миллиро дар бунёди НБО "Роғун" дида, ба муқобилияти қувваҳое, ки ин сохтмонро намехоҳанд, тан намедиҳанд. Барои ин сохтмони аср бисёриҳо зид баромада, ҳамагуна баҳонаю гуфтаҳои беасосро пеш меоварданд, ки он бунёд нагардад. Аммо онҳо намедонанд, ки Пешвои миллатамон он чизеро ният карданд, ҳатман ба анҷом мерасонанд. Неругоҳи Норакро ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ сохтанд, НБО "Роғун" бошад маҳсули дасту панҷаи Пешвои миллат ва мардуми тоҷик аст. Агар мардуми шарифи Тоҷикистон хизматҳои шоёни Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба назар гирифта, НБО "Роғун"-ро ба номи он кас мемонданд, боиси ифтихори тоҷикон мебуд. Барои фаъолияти самараноки НБО

“Роғун” дастгоҳи муосири тақсимкунандаи элегазӣ, яъне зеристгоҳи барқӣ ба маблағи 530 миллион сомонӣ, хатҳои интиқоли барқи 500 - киловолта дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (“Роғун -Душанбе”) ба маблағи қариб 750 миллион сомонӣ ва 220 -киловолтаи “Айнӣ -Рӯдакӣ” ба маблағи 250 миллион сомонӣ ба истифода дода шуданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтмони CASA-1000 фаъолона иштирок дорад.

*Мутафаккири бузурги олмонӣ И.В. Гёте хеле бамаврид гуфтаст, “мардум он касеро эътироф доранд, ки барояшон манфиатбахш аст”*, оре бо заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат нақбҳо ва шоҳроҳҳои байналмилалӣ, гумони кас намеомад, ки мо қудрати бунёдашонро дорем, бунёд гардиданд. Роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа-Кӯлоб (қитъаи Ваҳдат - Ёвон), роҳҳои мошингарди Душанбе -Турсунзода, Айнӣ - Панҷакент ва Восеъ- Ховалинг, Кӯлоб -Дарвоз (қитъаи Шӯрообод - Шоҳон) ва роҳи Сайрон -Қарамиқ, Хуҷанд-Исфара, Ховалинг-Балҷувон-Кангурт ба маблағи миллиардҳо сомонӣ ба истифода дода шуда, сохтмони роҳҳои мошингарди Кӯлоб- Шамсиддин Шоҳин, Восеъ-Темурмалик-Кангурт идома доранд. Нақбҳои “Истиқлол”, “Шаҳристон”, “Чормағзак” ва “Шар-Шар” сохта ба истифода дода шуданд, ки рафтуомади ҳамагуна нақлиёт дар ҳама фаслҳои сол ба тамоми минтақаҳои кишвар таъмин гардид. Дар замони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон зиёда аз 2100 км. роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва зиёда аз 1000 километр роҳҳои мошингарди дохилӣ, 190 километр роҳи оҳан ва зиёда аз 30 километр нақбҳои мошингузар, мавриди истифода қарор дода шуданд. Дар соли 2018 сохтмону таҷдиди қариб 200 километр роҳи дохиливу байналмилалӣ ва 45 пул ба анҷом расонида шуд.

Дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ зиёда аз 2500 муассисаи таълимӣ ва беш аз 1000 муассисаи тандурустӣ бунёду азнавсозӣ гардида, онҳо бо

дастгоҳу таҷҳизоти муосири таълимиву тиббӣ ва дигар шароити замонавӣ таъмин карда шуданд.

Дар доираи барномаҳои давлатӣ ва бо иштироки аҳолӣ то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 1050 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ, қисми зиёди онҳо дар деҳоту маҳаллаҳои кишвар бунёд карда мешаванд. Соли 2018 дар кишвар 151 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо зиёда аз 73 000 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шуд ва ин амалҳои созанда идома ёфта истодааст.

Пешвои миллат дар таълиму тарбияи насли ҷавон диққати аввалиндараҷа дода, барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос маблағҳои зиёдеро равона менамоянд. Фонди "Дарахшандагон" низ ба ҳамин хотир ташкил шуда, таҳсили донишҷӯёну илмомӯзони кишварамонро дар хориҷа дастгирӣ менамояд. Ҳоло қариб 50 ҳазор донишҷӯёну унвонҷӯён дар хориҷи кишвар таҳсил менамоянд. Ҳамаи ин ғамхориҳои Пешвои азизи миллатамонро мо қадрдонӣ менамоем, банда низ аз ин дастгириҳои Президенти адолатпешаамон баҳравар гаштаам. Ба хотири омода намудани кадрҳои ҷавони илмӣ, аз ҷумла дар соҳаи илмҳои дақиқ, техникӣ, табиатшиносӣ ва иқтисодиёту идоракунӣ, дастгирии истеъдодҳои ҷавон, ки аксаран аз оилаҳои имкони молиявиашон маҳдудбуда ҳастанд, пешниҳод менамоем, ки Донишгоҳе ба номи Пешвои миллат таъсису бунёд, кормандонаш ба тариқи озмуни рақобатноку шафоф, қабул гардида, роҳбараш (Ректор, Роҳбари илмӣ ё Президент) худи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бошанд.

Бо супориши Пешвои миллат, бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи кишвар, иҷрои афзалиятҳои миллӣ ва дар ин замина баландбардории сатҳу сифати зиндагии мардум "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" қабул карда шуд. Ҷиҳати вусъат бахшидани рушди маҳалҳо, инкишофи инфрасохтори деҳот, соҳибкории хурд, эҳё, ривоҷу равнақи ҳунарҳои халқӣ ва сайёҳӣ, Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки солҳои 2019-

2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон карда шаванд.

Дили саршор аз меҳру муҳаббати Пешвои миллат ҳаст, ки имрӯз саросари Тоҷикистони азизамон ба боғу гулистон ва хиёбону гулгаштҳои биҳиштӣ табдил ёфтааст. Бахусус, бо дастури Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меъморон хонаҳои чандқабатаро омӯханд ва намуди берунаи бинову иншоотҳоро бо рангҳои гуногуну меъмории дилчасп, нақшаи рангин кардани онҳоро анҷом доданд ва ҳар як бинанда ба шаҳри нав, ба Душанбеи нав ворид мегардад. Ҳамин навҷӯию ороиши рангини намуди берунаи иншоотҳо дар Осиёи Марказӣ беназир буда ва ҳатто намояндагони кишварҳои хориҷӣ санъати бунёдкоронаи шаҳдориро меомӯзанд, дарси ибрат мегиранд ва дар ин радиф ба навҷӯю нозукбин будани миллати тоҷику Пешвои миллат арҷгузорӣ менамоянд. Гулранг гардонидани намуди берунии иншоотҳо аз некрафтории тоҷикон шаҳодату маъно медиҳанд. Сохтмони эстакадаю роҳҳои чандқабата пойтахти азизамонро ба шаҳри муосири пешрафта табдил додаанд. Агар шахс нобино бошад, ҳамаи ин ободкорию созандагиҳоро мебинад. Ҳол он ки дар давраҳои ҷанги шаҳрвандӣ шаҳри Душанбе ҳамҷун пойтахт статуси сиёсии худро аз даст дода буд, донишҷуёну олимону зиёиён шаҳрро тарк карда буданд, умед надоштанд, ки ба чунин рӯзҳои нек мерасему боз ҳамашон гашта меоянд ва Душанберо чунин зебою озодаю рангин, маркази ҳамгироӣ ва ваҳдатофарин мебинанд. Ҳангоми оғози корҳои созандагию ободонӣ, сохтмони иншооту инфрасохторҳо Пешвои миллат барои ибрати наслҳо дасту остин боло зада, корҳоро ифтитоҳи нек бахшида, ишора менамоянд, ки бетарафу тамошобин набошем, якҷоя Ватанамонро шукуфону бузург созем. Танҳо ин Ватан -Тоҷикистони маҳбуб моро парварида, қадру қиммат намуда, нозу нузамонро мебардорад, дар дигар ҷой мо бегонаю ғарибем.

Ҳар гоҳе ки аз оинаи нилгун мебинам,ки Пешвои миллат иншооти бузургеро ба истифода дода, суханронӣ менамоянд, аз ғуруру шодӣ гиря

гӯлӯгирам намуда, чашмонам пур аз ашк мешаванд, баданам мурғак дамида, ду даста гиребонамро дошта, беҳад шукргӯзорӣ намуда, умедам ба ояндаи дурахшон зиёд гардида, Офаридгорро зораю тавалло менамоям, ки сари Пешвои миллатро аз санг кунад, ба пояш хор нахалад.

Мавриди зикр аст, ки Пешвои миллат заминаи асосии ҳуқуқии ҳифз, эҳё ва инкишофи иҷтимоию фарҳангии анъанаҳои миллиро таъмин намуда, дар ин росто рӯзҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суруди миллӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳдати миллӣ, таъсиси Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пуршукӯҳ ва ба дараҷаи баланди сиёсиву фарҳангӣ, ҳамчун иди умумихалқӣ таҷлил карда мешаванд.

Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари академик Б.Ғафуров баҳри муаррифии тоҷикон дар арсаи байналмиллалӣ кору пайкорҳои бениҳоят зиёдеро ба анҷом расонидаанд ва ин амали ватандустонаашонро идома дода истодаанд. Рӯ овардан ба хештаншиносию ифтихори миллӣ, таъсиси ҷашну бузургдоштҳои алломаҳои гузашта, эҳё ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, мақоми давлатӣ гирифтани забони ноби тоҷикӣ ин ҳама маҳз аз сиришти некбинонаю тамаддунпарваронаи Пешвои миллат сарчашма гирифтааст.

Ба Пешвои миллат муяссар гардид, ки хотироти таърихии миллат, номи шахсиятҳои бузурги таърихӣ, ба мисли, Исмоили Сомонӣ, Имоми Аъзам Абу Ҳанифа, Имом Бухорӣ, Абдулқосим Фирдавсӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Камоли Хуҷандӣ, Имом Ғаззолӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар бузургонро эҳё ва барқарор намоянд. Ба хотири нишони эҳтироми абадии мардуми Тоҷикистон, барои хизматҳои шоёнашон ба ходимони намоёни давлатӣ ва илму фарҳанг: Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум ва Шириншо Шотемур унвони баланди Ватанамон- Қаҳрамони Тоҷикистонро доданд.

Зери сиёсати хирадмандонаву фарҳангдӯстонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи баланди ташкиливу сиёсӣ “Соли тамаддуни ориёӣ” ҷашн гирифта шуда, аз тарафи ЮНЕСКО 2700-солагии Авасто эътироф гардид.

Бо ташаббуси Пешвои миллат ба хотири ташаккули маданияти маънавии мардум Қуръони маҷид бо теъдоди зиёд бо шарҳу тафсираш ба забони тоҷикӣ тарҷумаю нашр шуда, дастраси хонандагони тоҷик гардонида шуд.

Ҳисси хеле баланди ватандӯстонаи Пешвои миллат буд, ки ҳама суннатҳои волои миллӣ, арзишҳои фарҳангие, ки дар давоми асрҳо ягонагии маънавии мардумро ҳифз мекарданд, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон, Шашмақом, Фалак, атласу адрас, чакан ва монанди инҳо эҳё гардида, шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карданд.

Дар натиҷаи азму талошҳои Пешвои миллат бо қарори Ассамблеяи генералии ЮНЕСКО яке аз намунаҳои беҳтарини ҳунарҳои мардумии мо - чакан ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии башарӣ шомил гардид.

Бо пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон тасмим гирифт, ки соли 2020 ҷашни яке аз ёдгориҳои бостонии мамлакат - шаҳри қадимаи Саразмро доир намояд. Ин ҷашн имкон медиҳад, ки мо маданияти беш аз 5500-солаи аз ҷониби доираҳои илмии ҷаҳон эътирофшудаамонро ба оламиён сарбаландонаю шоиста муаррифӣ созем.

Бо талошҳои пайвастаи Пешвои миллат Шашмақом ва Наврӯз ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ва шаҳри қадимаи Саразм, Парки миллии Тоҷикистон ба Феҳристи мероси моддии ташкилоти зикршуда ворид гардида, мусиқии Фалак, ёдгории таърихии Ҳулбук ва ҷашнҳои Меҳргону Сада низ ба ин созмони бонуфузи байналмилалӣ пешниҳод карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки асарҳои илмиву таҳқиқотии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар боло бурдани сатҳи худшиносиву худогоҳии миллӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, дар ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ эътироф гардида, дорои нақши пурарзиши илмӣ мебошанд.

Асарҳои безаволу гаронбаҳои Пешвои миллат “Тоҷикон дар оинаи таърих”, “Аз ориён то Сомониён”, “Тоҷикистон дар оинаи фардо”, “Фарҳанг ҳастии миллат”, “Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат”, “Зиёиён равшангарони роҳи фардои миллатанд”, “Сарнавишти миллати соҳибтамаддун”, “Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ: Андешаҳо дар остонаи ҷашни Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ”, “Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёиҳо”, “Дар бораи дин”, “Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо”, “Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам”, “Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ”, “Дин ва ҷомеа”, “Забони миллат-ҳастии миллат”, “Чеҳраҳои мондагор”, “Уфуқҳои истиқлол” ва ғайра ба забонҳои хориҷӣ тарҷума шуда, тоҷикону Тоҷикистонро дар арсаи байналмиллалӣ муаррифӣ намуданд.

Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ ба сифати ташаббускор ва пешсафи фаъоли ҳалли масоили глобалии вобаста ба истифодаи босамари захираҳои об шинохта шуда, тасдиқаш он аст, ки 20 декабри соли 2018 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид лоиҳаи қатъномаи пешниҳоднамудаи Тоҷикистонро таҳти унвони “Шарҳи миёнамуҳлати фарогири ҷараёни татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028” якдилона ва бо ҳаммуаллифии 190 кишвари узви СММ қабул кард. Қатъномаи мазкур ҷараёни баррасии миёнамуҳлати даҳсоларо ба танзим даровarда, баргузории ду чорабинии муҳими ҷаҳонӣ: баргузории Конфронси СММ доир ба Шарҳи миёнамуҳлати фарогири ҷараёни татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028” аз 22 то 24 марти 2023 ва ҷаласаи сатҳи баланди Маҷмаи умумии СММ ҷиҳати

мусоидат ба татбиқи ҳадафу вазифаҳои марбут ба захираҳои обро дар моҳи марти соли 2021, ба нақша гирифтааст.

Тазаккур бояд намуд, ки ташаббус оид ба эълони Даҳсолаи нави байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” бори нахуст аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рафти Форуми 7-уми ҷаҳонии об моҳи апрели соли 2015 дар Ҷумҳурии Корея пешниҳод гардид.

Қайд намудан лозим аст, ки қаблан, соли 2003 бо ташаббуси Пешвои миллат Соли оби тоза ва инчунин Маҷмаи Умумии СММ қатъномаеро қабул намуд, ки тибқи он давраи солҳои 2005 -2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” эълон гардида, дар чаҳорчӯби даҳсолаи мазкур Маҷмаи Умумии СММ ташаббуси дигари Пешвои миллатро оид ба эълон намудани соли 2013 ҳамчун “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об” қабул намуд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло буд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи ҷаҳонӣ аз ҷониби Кумитаи Академияи Шӯрои Аврупо ба ҷоизаи “Пешвои асри XXI“ сарфароз гардонида шуд. Нуфуз ва эътибори байналмиллалии Пешвои миллатамон боиси сарбаландию ифтихори ҳар яки мост.

Шароити ҳозираи дунё моро огоҳ мекунад, ки бе ягон дудилагӣ ва бетарафӣ дар гирди ин абармарду чеҳраи бузурги сиёсат на танҳо дар гуфтор, балки дар кирдор, пиндор, рафтору амалҳои неки худ содиқона, аз таҳти қалб муттаҳид бошем. Месазад баён дошт, ки ҳеҷ кас чун Пешвои миллатамон Тоҷикистони азизамонро дӯстдору ғамхор нест. Имрӯз суханону кору пайкори Пешвои маҳбубамон- ватандӯсти асил муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раҳнамои наслҳо буда, ҳамаамонро ба сӯи комёбиҳою ғолибиятҳои нав ба нави миллӣ ҳидоят менамоянд.

Хеле мушкил ва аз имкон берун аст, бузургӣ ва олиҳимматии чунин абармарди бузург, чеҳраи намоёни сиёсат чун Эмомалӣ Раҳмонро, ки

фаъолияти ҳаррӯзааш корнамоист, дар якчанд сатр баён кардан, аз рӯи онҳо муҳаққиқон асарҳои зиёд эҷод менамоянд. Ин шахсияти таърихӣ бо ҳама хираду фазилати ватандорӣ Тоҷикистони маҳбубамонро аз вартаҳои фалокат наҷот бахшида, наслҳоро ба сӯи фатҳи қуллаҳои баланди рушди кишвар мебаранд.

*Чӣ хеле ки академик В.М. Бехтерев баён доштаанд, "орзуву омоли халқро амалӣ накарда, Доҳии халқ наметавон шуд"* дар ҳақиқат Пешвои муътабари миллатамон, Доҳии халқи тоҷик аст, ки корнамоиҳои бузургро беохир давом дода истоданд ва Тоҷикистони азизи мо ба шарофати Пешвои миллат рӯз то рӯз, соат ба соат ободу шукуфон гашта, корномаҳои бузурги Пешвои миллат барои тамоми наслҳо мактаби азими номусу ибрат аст.

**Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултаи иқтисодии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон**